*Қарор ва иҷро*

# ДОНИШКАДАИ НАВ – ҚАДАМ БА СӮИ ИЛМУ ФАРҲАНГ




**Бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов бо мақсади ривоҷу равнақи илму фарҳанг дар ин боргоҳи таълимӣ боз як институт ташкил ёфт. Дар арафаи таҷлили 605-солагии донишгоҳи мазкур Донишкадаи забон ва фарҳанги халқҳои Осиёи Марказӣ бо тантана кушода шуд.**

– Дар 4-5 соли охир панҷ институти нав – биокимиё, физикаи муҳандисӣ, агробиотехнология ва амнияти озуқаворӣ, омилҳои инсонӣ ва идоракунии рушди маҳалла ва институти илмӣ-тадқиқотии туркологӣ дари худро боз намуданд, – гуфт доктори фанҳои технологӣ, сенатор Рустам Холмуродов. – Ташкил намудани институтҳои соҳавӣ имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки на танҳо равияҳои нави илмӣ рушд меёбанд, балки донишҷӯён аз аввал бо муҳити илму фарҳанги муосир рӯбарӯ мешаванд. Баъзе мактабҳои олии вилояти Самарқанд мушкилоти норасоии бино ва таҷҳизоти таълимӣ доранд, аммо мо тавонистем дар як муддати кӯтоҳ бо роҳандозии сохтмонҳои калон инфрасохтори хешро куллан нав намоем.

Донишгоҳи давлатии Самарқанд яке аз аввалин университетҳо дар Ӯзбекистони Нав гардид, ки дар раддабандии QS Stars соҳиби мақоми «Донишгоҳи 5 ситорадор» шуд. Ва ҳамаи ин натиҷаҳо бешубҳа аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи сарвари давлатамон илму дониш ва фарҳанги миллӣ ривоҷу равнақ меёбад.

– Донишкадаи забон ва фарҳанги халқҳои Осиёи Марказӣ соҳиби 10 кафедра ва 6 шуъбаи таълиму тарбият аст, – иттилоъ дод директори он, доктори фанҳои филологӣ, профессор Ҷӯлибой Элтазаров. – Институти мо дар заминаи собиқ факултаҳои филологияи забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ, русӣ ва хориҷӣ ташкил шуда, таълиму тарбия ба якчанд забон ҷараён гирифт. Доништалабон аз рӯйи 40 тахассус сабақ мегиранд. Толибилмони мактаби олии мо на танҳо аз Самарқанд, инчунин Намангон, Фарғона, Ҷиззах, Бухоро, Қашқадарё ва дигар шаҳру ноҳияҳои Ӯзбекистон мебошанд. 18 нафари устодону мураббиён аз хориҷанд. Риштаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Тоҷикистони бародарӣ, Эрон, Олмон, Амрико, Фаронса, Туркия, Ҷопон, Сингапур, Финландия ва дигар кишварҳои ҷаҳон густариш меёбад.

Чанде пеш мо, чанд нафар аз донишкада ба Эрон азми сафар карда, меҳмони як қатор мактабҳои олии Машҳад, Нишопур, Теҳрон, Тӯс ва дигар шаҳрҳо шуда, табодули таҷриба намудем. Зиёрати қабри Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Хоҷа Ҳофиз ва дигар алломаҳои форсу тоҷик хотирнишин буд. Дар рӯзҳои наздик ташрифи ҳамкасбони эронӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар Эрон панди ҳикматомези Абулқосим Фирдавсӣ ба хотир расид, ки айни муддао буд:

*Касе к-ӯ ҷаҳонро бувад хостгор,*
*Варо дониш ояд, на гавҳар ба кор!*

Бинобар ҳамин, ман ба ҳамкоронам маънои ин ҳикматро такрор мекунам.

– Ҷӯлибой Данабоевич, болои мизи кории шумо рӯзномаи «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд» ва дигар матбуоти даврӣ ва китобҳоро мебинем...

– Бовар кунед, бо рӯзномаи «Овози тоҷик» аз солҳои таҳсил дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд шинос ҳастам. Зеро аксарияти ходимон дипломи мактаби олиро дар Самарқанд гирифтаанд.

Бинобар ҳамин ба ҷамоати Донишкадаи забон ва фарҳанги халқҳои Осиёи Марказӣ, инчунин толибилмони тоҷиктабор супориш медиҳам, ки ба рӯзномаҳои забони модариашон обуна шаванд. Ба қавли мардум: «Бародарӣ – баробарӣ».

– Дар гурӯҳи тоҷикӣ, ки дар он омӯзгорони фанни забони модарӣ омода мешавад, 112 нафар таҳсил гирифта истодаанд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд ҷонишини директори донишкада Ғайрат Раҳимқулов. – Барои онҳо китобҳои дарсӣ ва асбобҳои аёнӣ пурра муҳайёст. Дар китобхона низ адабиётҳои гуногун ҷамъоварӣ шудааст. Профессор аз Донишгоҳи давлатии Хуҷанд Давлатбек Хоҷаев ва дигарон ба шогирдон сабақ медиҳанд. Камина аз фурсат истифода бурда, ба Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонзода сипосгузорӣ мекунам, ки эшон хеле асарҳои гуногуни бадеӣ ва дарсиро ҳадя карданд.

Вохӯрӣ бо эҷодкорон ва олимону пажӯҳишгарони хориҷӣ тез-тез ба вуқӯъ пайваста, барои боз ҳам мустаҳкам намудани пойдеври дӯстӣ саҳми арзанда мегузоранд.

**Собирҷон БУРҲОНОВ,**
**муҳаррири калони бахши тоҷикии ширкати симо ва садои Самарқанд.**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

**Дар сурат:** директори Донишкадаи забон ва фарҳанги халқҳои Осиёи Марказӣ **Ҷӯлибой Элтазаров.**




# ЁРҚИНБЕК ОДИЛОВ – ЧЕМПИОНИ ҶАҲОН

***Боз як хушхабар ба мардуми Фарғона ғурур ва ифтихор бахшид.***

Пара-варзишгари 25-сола Ёрқинбек Одилов дар мусобиқаи байналмилалии найзапартоӣ дар Ню-Делии Ҳиндустон ба гирифтани медали нуқра соҳиб гашт.

Ёрқинбек соли 2024 барандаи медали тиллои Бозиҳои паралимпӣ дар Париж буд. Вай дар мусобиқаи найзапартоӣ, ки байни мардон дар класси Ф57 баргузор шуда буд, бо партофти 50,32 метр медали тиллои паралимпиро ба даст овардааст.

Ёрқинбек соли 2022 дар Бозиҳои Пара-Осиё дар Ханчҷоуи Чин ширкат карда, соҳиби медали нуқра гардида буд. Инчунин ин варзишгари фарғонагӣ соли 2023 дар чемпионати ҷаҳон дар Париж соҳиби медали нуқра гардидааст.

Ӯ хатмкунандаи Донишгоҳи давлатии Фарғона буда, соли 2017 узви тими миллии пара-атлетика шудааст ва таҳти мураббигии Яҳё Ёқубов машғули тамрин мебошад.

Ё. Одилов дар Бозиҳои паралимпии соли 2020 дар Токио мақоми 4-умро касб намудааст.

Ёрқинбек Одилов бо амри Президент соҳиби медали «Шуҳрат» ва нишони «Ӯзбекистон ифтихори» шудааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# МАКТАБИ НАМУНАИ ИБРАТ

***Назаре ба фаъолияти мактаби миёнаи рақами 9-уми ноҳияи Сариосиё***



Дар ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё мактаби миёнаи рақами 9-ум яке аз муассисаҳои пешсафи таълимӣ ба ҳисоб меравад, ки бо дастовардҳои назаррас на танҳо дар вилоят, балки дар ҷумҳурӣ низ шуҳрат пайдо кардааст.

Имрӯз дар ин боргоҳи маърифат зиёда аз 800 хонанда таҳсил мекунанд ва ба онҳо беш аз 60 нафар омӯзгори соҳибтаҷриба таҳти роҳбарии директор Ёқубҷон Муродуллоев таълиму тарбия медиҳанд.

Аз ҷумла, 14 нафар омӯзгор дорои тоифаи олӣ ва 12 нафар соҳиби тоифаи якум мебошанд. Онҳо бо заҳмат ва ҷидду ҷаҳди пайваста барои баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия талош меварзанд.

Дар байни онҳо чеҳраҳои шинохтаи соҳаи маориф Зуҳуриддин Муслиҳиддинов, Абдусаттор Ҳасанов, Майсара Расулова, Одилҷон Назаров, Бахтиёр Фаттоев, Суҳроб Ғуломов, Шуҳрат Маҳмудов, Ҳасан Бобоев, Ҳакималӣ Икромов, Фароғат Исматова, Муяссар Тошева, Мунаввар Ҳоҷиева, Анзират Бобоева, Гуландон Ҳусейнова, Дилбар Бобоева, Замира Зоирова, Замира Муслиҳиддинова, Орзугул Норбоева, Мастона Расулова, Амина Акбарова, Фотима Рамазонова, Фотима Норбоева, Муқаддас Янгибоева, Озода Акрамова, Зайтуна Муродуллоева, Дилбар Муҳаммадова ва дигарон ҳастанд.

Ҳар яки онҳо бо меҳру муҳаббати омӯзгорӣ ва садоқат ба касбашон маъруфанд ва саҳми арзанда дар пешрафти таълиму тарбия доранд.

Омӯзгорони пешсафи мактаб, аз ҷумла Зуҳуриддин Муслиҳиддинов, Абдусаттор Ҳасанов, Майсара Расулова ва Бахтиёр Фаттоев дар пешбурди таълими навин саҳми зиёд мегузоранд. Онҳо ҳамчун муаллими ботаҷриба ба омӯзгорони тамоми ноҳия кӯмак мерасонанд.

Бахтиёр Фаттоев дар тарҷума ва таҳияи китобҳои дарсии физика ва информатика барои мактабҳои тоҷикӣ ҳамчун муҳаррир ва тарҷумон фаъолона иштирок кардааст.

Зуҳуриддин Муслиҳиддинов бо асарҳои илмӣ, мақола ва ширкат дар конфронсҳои байналмилалӣ мақоми мактабро дар сатҳи ҷумҳурӣ боло бурдааст.

Анзират Бобоева ва Бахтиёр Фаттоев иштирокчиёни озмуни ҷумҳуриявии «Муаллими сол» мебошанд.

Маҳз ҳамин саъю кӯшишҳо буд, ки мактаб дар соли ҷорӣ аз рӯйи нишондоди дохилшавии хатмкунандагон ба муассисаҳои олии кишвар бо 106 холи миёна дар байни 95 мактаби ноҳия сазовори ҷойи якум гардид.

Мактаб ҳам бо забони тоҷикӣ ва ҳам бо забони ӯзбекӣ фаъолият мекунад, ки ин имкони баробарро барои тамоми хонандагон фароҳам меорад.

Дастпарварони мактаб имрӯз дар саросари ҷаҳон фаъолият доранд ва бо комёбиҳои худ номи мактаб ва ватани худро ифтихор мебахшанд.

– Фахри бузурги мо – муҳаббату эҳтироме мебошад, ки хонандагон ба омӯзгорон ва омӯзгорон ба хонандагон доранд. Мо мактабро на танҳо ҷойи дарс, балки ҷомеаи ягона мешуморем. Бовар дорам, ки насли наврас бо ҳамин рӯҳия ба комёбиҳои бузургтар мерасад, – мегӯяд Ё. Муродуллоев.

Аълочии таълими халқи ҷумҳурӣ, дорандаи ордени «Дӯстлик» Бахтиёр Фаттоев низ ба ин маънӣ гуфт:

– Заҳмати омӯзгор мисли нурест, ки роҳи шогирдро равшан месозад. Ҳар комёбии хонанда – комёбии тамоми ҷамоаи мактаб аст. Мо ифтихор дорем, ки саҳмгузори тарбияи насли наврас ҳастем.

Имрӯз мактаби миёнаи рақами 9 на танҳо ифтихори ноҳия, балки намунаи ибрат барои тамоми ҷумҳурӣ мебошад. Омӯзгорони фидоӣ, хонандагони фаъол ва хатмкардагони сарбаланд шаҳодати равшани ин ҳақиқатанд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

***Ба туфайли истиқлол имрӯзҳо дар ҳама соҳа навгониҳо рӯйи кор меоянд. Мисли ҳамин дар соҳаи адабиётшиносӣ низ дар даврони истиқлол корҳои бисёре анҷом ёфта истодаанд, ки сазовори таҳсин аст. Имрӯзҳо худшиносӣ ва ба худӣ баргаштан яке аз равандҳои мусбати ҷомеаи инсонӣ мебошад. Пажӯҳиш ва ҷустуҷӯҳои адабӣ сабаб мегарданд, ки рӯз то рӯз шахсони бузурги таърихиву фарҳангӣ, ки солиёни дароз дар гӯшаи фаромӯшӣ буданд, чеҳра менамоянд.***

# НАЗАРЕ БА ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ ШОИРИ ЗУЛЛИСОНАЙН

Қаҳрамони навиштаи мо низ яке аз шоирони хушбаёну ҳозирҷавоб, ҳаҷвнигору зарофатгӯ, ҳикматниҳоду ростгӯ мебошад, ки имрӯзҳо осораш аз ҷониби муҳаққиқон мавриди тадқиқу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Мирзо Олим яке аз шоирони охири асри XIX ва ибтидои садаи XX буда, бо эҷодиёти пурмазмун ва рангини худ ҳам дар адабиёти тоҷик ва ҳам дар адабиёти ӯзбек мавқеи ба худ хос дорад. Вай дар муҳити мардумӣ зиндагӣ карда, бештар бо ҳазлу шӯхӣ, шеъру таронаҳои пандомез ва ҳаҷву мутоибаҳояш дар байни халқ шинохта шудааст. Номи аслии ӯ Мирзо Олим аст. Вале аз он, ки шеъру байтҳояш бештар шӯхиомез буданд, мардум ба ӯ лақаби «Девона«-ро низ дода буданд. Вай дар асл девона набуд, ин лақаб ифодагари озодандешиву озодфикрӣ ва шартакигӯии ӯ буданд. Ин аст, ки дар манбаъҳои адабӣ низ бо унвони Мирзо Олими Девона сабт шудааст. Вай дар муҳити одии деҳот таваллуд шуда, умри худро дар байни мардум сипарӣ намудааст. Аз сабабе, ки ҳаёти вазнин ва пурмашаққат дошт, ба маҷрои зиндагӣ аз паси панҷа назар меафканд ва аз талху тундии он сахт бепарво буд. Кӯшиш мекард, ки пешомади зиндагиро бо шӯхиву лоқайдӣ пазироӣ кунад, то аз машаққати он ба осонӣ халос гардад. Таҳқиротро бо тамкинӣ мепазируфт ва ба он либоси ҳазлу шӯхӣ пӯшонда, ба мардум пешниҳод мекард. Гузашта аз ин, ба нобаробариҳову ноҳақиҳои ҳаёт тамасхуромезона назар афканда, аксар вақт бо ҳозирҷавобию шартакигӯйиҳо посух мегардонд.

Шеърҳои Мирзо Олими Девона асосан аз даҳон ба даҳон гузашта, дар байни мардум паҳн шудаанд. Бисёре аз байтҳои ӯ ҳоли ҳозир ҳам дар ёди мардум ҳастанд, вале онҳо ба шакли китоб даровarda нашудаанд. Яъне ашъораш ба пуррагӣ то имрӯз дастрас нест.

Доир ба ҳаёт ва фаъолияти вай дар баъзе манбаъҳо маълумот дода шудаанд, ки барои пурра омӯхтани зиндагиномаву осораш даст намедиҳанд. Масалан, дар ҷилди 8-уми маҷмӯаи дастхатҳои Шарқи Академияи фанҳои Ӯзбекистон оиди дар дарбори Амир Музаффар мирохӯр будани ӯ ба таври умумӣ маълумот дода шудааст. Инчунин дар китоби «Мирӣ ва ҳамзамонони ӯ»-и В. Абдуллоев ва Б. Валихоҷаев номи вай ҳамчун як шоири боистеъдод қайд гардидааст.

Тибқи маълумоти дастрасгардида қиссаи «Равзаи асрор»-и вай дар ду нусха, мухаммасаш бар ғазали Алишери Навоӣ ва асари дигареро, ки ба ӯ нисбат медиҳанд, дар хазинаи дастхатҳои Институти шарқшиносии Академияи фанҳои Ӯзбекистон нигоҳдорӣ мешаванд.

Мавзӯъ ва мундариҷаи осори вай рангоранг буда, аксари онҳоро мардум ба осонӣ қабул менамудаанд ва дар маҷлису тӯйҳо ва базмҳои мардумӣ ба камоли завқ мехондаанд. Шеъру байтҳои вай асосан мазаммату танқиди хислату характерҳои бади инсонӣ, чун ҳирсу тамаъ, кибру ғурур, пастфитратию ноҳақгӯӣ, дуздиву ғоратгариро дар бар гирифтаанд. Аз ҳамин ҷост, ки ӯро дар таърихи адабиёт ҳамчун шоири базлагӯ ва сарояндаи панду ахлоқ эътироф кардаанд.

Мирзо Олим дар шеърҳои худ камбудиву норасоиҳои ахлоқӣ ва нобаробариву тазодҳои иҷтимоӣ, аз қабили ҳарисиву молпарастӣ, дурӯғгӯиву нодонӣ, кибру манманӣ ва ноадолатиро сахт мазаммат кардааст. Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки ҷӣ ашъори ӯзбекӣ ва ҷӣ ашъори тоҷикиаш аз даҳон ба даҳон гузашта, дар аксар маврид бе номаш ҳам истифода гардидаанд. Аз ин ҷост, ки аз ӯ фақат байтҳои парешоне, ки дар манбаъҳои хаттӣ сабт ёфтаанд, боқӣ мондааст. Вайро дар қатори шоирони номии халқӣ Қаландар Ҳофиз, Базруллоҳ Хоҷӣ, Хоҷӣ Ҳақназар ва дигарон ба забон гирифтаанд.

Эҷодиёти Мирзо Олими Девона хусусиятҳои хос дорад: якум, ба гӯйиши мардумӣ наздик аст, дувум, танқидро бо шӯхиву ҳазл ва тамасхур меоварад, ки он мардумро ҳам механдонад ва ҳам ба андеша водор месозад. Савум, дар ҳар шеъраш андешаҳои ахлоқӣ инъикос ёфтаанд. Аз ин рӯ, аз муҳаққиқони имрӯза талаб карда мешавад, ки осори ӯро на ҳамчун як шоири ҳаваскор, балки ҳамчун шоири касбӣ мавриди тадқиқ қарор диҳанд. Зеро дар вақти хондани байтҳои шоир ба ҳар ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ гувоҳи фаровон истифода шудани санъатҳои бадеӣ, чун такрор, рамзу киноя, ҳаҷву мутоиба, ташбеҳу тазод, талмеҳу таҷнис мегардем.

Тавре ки дар боло гуфта гузаштем, мавзӯи панду андарз, ҳикмату насиҳат як қисми офаридаҳои шоирро ташкил медиҳанд. Ба ин мавзӯъ муроҷиат кардани ӯ бесабаб нест. Зеро вай дар даврони Амир Музаффар зиста, коста гардидани меъёрҳои одобу ахлоқ, инсофу адолат, дӯстиву душманиро ба




чашми худ мебинад. Чунончӣ:

*Одам шудам, валекин одам намеёбам,*
*Дар ҳар қадам нишони бедод мебинам.*

Тибқи маълумотҳо Мирзо Олими Девона забонҳои арабӣ, форсӣ-тоҷикӣ ва туркӣ-ӯзбекиро хуб медонистааст. Аз ин ҷост, ки дар навиштаҳояш таъсири байниҳамдигарии ин забонҳо бараъло намудор мегардад. Ин таъсирпазирӣ шеъри ӯро боз ҳам рангину дилкаштар намудаанд. Чунончи:

*Равшан агар шамъи сухан айладим,*
*Ҳожат агар бўлди ани ёқмадим.*

Як худи ҳамин байт гувоҳи гуфтаи болоӣ аст, ки вожаҳои «равшан» ва «сухан» – тоҷикӣ, «ҳоҷат» ва «шамъ» – арабӣ ва «айладим», »бўлди», «ани», «ёқмади» – туркӣ-ӯзбекӣ мебошанд.

Вақти он расидааст, ки паҳлӯҳои мухталифи осори ин шоири дузабона аз ҷониби муҳаққиқони соҳа ба риштаи таҳқиқ кашида шавад.

**Рухсора МУРОДОВА,**
**устоди Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1028.
Адади нашр 3687. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 20.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.